# Такриз

ба диссертатсия ва автореферати Неъматов Рамазон Ҳусниддинович дар мавзуи «Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ)», ки барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ, ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод гардидааст

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ**

Мубрамият ва зарурияти таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки солҳои охир яке аз масъалаҳои ташвишовари ҷомеаи имрӯза ин ноустувории оилаҳои ҷавонон ва кандашавии ақди никоҳ дар байни оилаи ҷавонон мебошад. Воқеан ҳам масъалаи мазкур бисёр ташвишовар ба ҳисоб меравад, чунки ҷомеаи солим аз оилаи солим вобастагӣ дорад. Донишмандони соҳаҳои мухталиф, мутахасисон ва масъулини мақомотҳои дахлдори давлатӣ доир ба пешгирии вайроншавии оилаҳои ҷавонон кушиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳарчи зудтар роҳи аз байн рафтани оилаҳои ҷавонон гирифта шавад.

Мутаффакири юнони қадим Арасту андешаҳои худро доир ба ин самт иброз намуда қайд мекунад, ки «Оила поя асосии ҷомеа ва давлат аст. Дар давлате, ки устувории оилаҳо зиёд аст, дар он ҷомеа солим ҳукумфармост». Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлатӣ ҳуқуқбунёд аз зумраи он давлатҳоест, ки баҳри устувории ҳамешагии оилаҳо ғамхорӣ менамояд. Ҳамин аст, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 33) омадааст «Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад». Вобаста ба ин мақомотҳои давлатӣ, кумитаи кор бо занон ва оилаи назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаи кор бо ҷавонон, САҲШ дар ҳама шаҳру ноҳияиҳои кишвар кӯшиш ба

харҷ медиҳанд, ки пеши роҳи барҳамхурии оилаҳо, махсусан оилаҳои ҷавононро гирифта шавад.

Аз тарафи мутахасисон сабабҳои барҳамхурии оилаҳои ҷавонон таҳқик гардида муаян гардидааст, ки сабабҳои бештар ба вайроншавии оилаҳои ҷавонон оварда мерасонад, ин омода набудани ҷавонон, тарафҳои барпокунандаи оила мебошад. Инчунин вобаста ба ин якчанд омилҳое дигаре низ ошкор гардидаанд, ки ба омода набудани оилаҳои навҷавонон мусоидат мекунанд ин  ба монанди: бефарзандӣ, якдигарнофаҳмӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, беморӣ, ҳолати иқтисодии оила, ноогоҳии ҷавонон ва садҳо дигар омилҳои ҷузъиву куллӣ  чун сабабҳои асосии ҷудошавии оилаҳо боқӣ мемонанд.

Ҷудошавии оилаҳо аз нигоҳи психологӣ, педагогӣ низ сабабҳои худро дорад.  Аз ҷумла, яке аз сабабҳои ҷудошавии оилаҳои ҷавон - барвақт шавҳар кардани духтарон аст, яъне маълум аст, ки ҳам аз нигоҳи физиологӣ ва ҳам психологӣ онҳо ҳоло ба оиладорӣ омода нестанд. Ақидаи дигари афкори мо тоҷикон чунин аст, ки баъди ба хонаи шавҳар омадан дар баъзе оилаҳо арусро ҳамчун «ғулом» истифода мебаранд.

Барои дар ниҳоди  донишҷӯён самаранок ташаккул додани тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ гурӯҳи зерини шартҳои педагогиро амалӣ намудан зарур мебошад: - шартҳои ба ташаккули асосҳои ҷаҳонбинӣ равонашуда, ки ба ҷавонон ҷиҳати дарки оила ҳамчун муҳимтарин арзиши инсонӣ барои шахсияти алоҳида ва ҷомеа дар яклухтӣ мусоидат намоянд; - шартҳои асосҳои тарбиявӣ - маърифатиро фарогиранда; - шартҳои ба асосҳои фаъолиятӣ такякунанда, ки дар онҳо таъсири байниҳамдигарии ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ, муассисаҳои таълимӣ ва оила барои ҷавононро ҳарчӣ бештар ба фаъолияти манфиатноки ҷамъиятӣ фаро гирифтани ҷавонон мусоидаткунанда бошанд.

Мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиханд, ки оилаи тоҷик сол то сол дар ҷараёни ташаккулёбист, зеро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Сарвари давлат Асосгӯзори сулҳу ваҳдати милли Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои солимгардонии оилаи имрӯзаи тоҷик қонун, санад ва қарорҳои махсуси зиёдеро ба имзо расонидаанд, ки ба шарофати онҳо сатҳи устувории оилаҳо баланд шуда бошад ҳам, вале дар баробари ин мушкилот ва муаммоҳои ҳалталаб дар ин самт ҳоло мавҷуданд.

Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи оила оид ба зарурати таълими фанни маърифати оиладорӣ дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ махсус таъкид карда, аз ҷумла қайд намудаанд: «Масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошад, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад».

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи рисолаи унвонҷӯ Неъматов Рамазон Ҳусниддинович дар мавзуи «Ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисахои тахсилоти олии касбӣ)» ба таҳқиқи ошкор намудани асосхои назариявӣ - амалии хусусиятҳои ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонон дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ бахшидашудааст, ки ин саривақтӣ ва ба маврид ба ҳисоб рафта, барои пойдор ва мустаҳкам будани оилаҳо, махсусан оилаҳои ҷавонон мусоидат мекунад.

**Навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии тадқиқоти диссертатсионӣ:**

- мафҳуми «арзиши оилавӣ» ҳамчун дараҷаи илмӣ - педагогӣ дақиқ гардонида, хислатҳои хоси он муайян карда шуд.

- дараҷаи ташаккулпазирии арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои баҳодиҳии он ошкор карда шудаанд.

- модели ташаккулёбии арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди донишҷӯён, таъминоти мундариҷавии он коркард гардид.

- шароитҳои психологӣ ва педагогии таъминкунандаи ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ, вазъи имрӯзаи рушди ҷомеа, аз ҷумла дар муҳити донишгоҳ муқаррар карда шудаанд.

Маводҳои дар ҷараёни тадқиқот ба дастовардашуда муносибатҳои мавҷудаи илмҳои муосири педагогиро ба ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оила дар ҷавонони пурра мегардонад. Онҳо тасаввуротҳоро дар бораи «арзишҳои оилавӣ», хусусиятҳои махсуси он бой гардонида, донишҳоро оид ба талаботҳои педагогӣ, ки бевосита ба ҷараёни ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонони донишҷӯ дар раванди таълим дар донишгоҳ таъсиррасонанд, васеъ мегардонад. Маводҳои таҳқиқот дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инъикоси худро дарёфтаанд, ки ба воситаи он дар теъдоди бештарини ҷавонони пурсидашуда шавқу рағбат ба масоили оила, никоҳ ва волидайншавӣ баръало афзун гардида, ба он мусоидат кард, ки онҳо ба оила ба ҳайси маҳз арзиши иҷтимоӣ ва шахсиятӣ тавонанд баҳогузорӣ намоянд.

Натиҷа ва маводҳои таҳқиқ ҳангоми коркарду таҳияи барномаҳо дар системаи корҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо оилаҳои донишҷӯён, инчунин, дар тарғибу ташвиқи арзишҳои оилавӣ байни донишҷӯён метавонад самаранок истифода гардад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин менамоянд: хулосаҳои таҳқиқот дар заминаи такя намудан ба дастовардҳои илмҳои педагогӣ ва равоншиносии муосир, истифодаи комплексии усулҳои азхудкунии маводи ҷавобгӯй ба мақсад, вазифа ва фарзияҳои таҳқиқот, эътимоднокии ҳаҷми интихоб, боварибахшии услубҳои истифодагардида, мутаносибии нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдорӣ, натиҷаи озмоиши корҳои анҷомдодаи қисмати амалии рисола.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мантиқи таҳқиқот мувофиқат менамояд. Рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, 5 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо 164 номгӯ ва замимаҳо иборат буда, 172 саҳифаи чопиро дар бар мегирад, аз 7 ҷадвал ва 6 расму диаграмма иборат мебошад.

Дар боби якум ва зербоби якуми таҳқиқот асосҳои назариявии ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ ва психологӣ-педагогӣ масъалаи асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонон дар таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ ва иҷтимоӣ ба ҳайси муносибатҳои шахсият, ҳамчун фарогири донишҳои нав оиди муносибатҳои оиладорӣ, арзишҳо, идеалҳои ҷамъиятӣ ва принсипҳои этикӣ ва гуманистӣ таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки дар илми педагогика яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти имрӯзаи ҷомеа бунёди оилаи нав, аз ҷумла оилаҳои ҷавонони донишҷӯ ба шумор меравад, ки ҳалли дурусти он ба тарзи ҳаёт ва рафти инкишофи худи инсон низ вобаста аст. Мусаллам аст, ки ҷавонон дар ташкили оилаи худ мустақиланд, аммо ҷомеа ва давлат ҳеҷ гоҳ нисбат ба ин масъала бояд бетарафу бетафовут набуда, балки дар хушбахтиву пойдории он ҳамеша манфиатдор мебошанд.

Дар боби якум зербоби дуюм «Тавсифи аслии мафҳуми «оила» ҳамчун дараҷаи психологию педагогӣ» диссертант яке аз ҷузъҳои ҷудонашавандаи институтҳои ҷамъиятӣ, институти оила, ки чун аввалин институти иҷтимоӣ ташкил ёфтааст, таҳлилу баррасӣ намудааст.

Зербоби сеюм «Тавсифи ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ» бахшида шудааст, ки дар ин қисмат муаллиф кушиш намудааст муаммои ҷавононро дар асарҳои муҳақиқони хориҷ ва дохил шарҳ дода бошад. Диссертант қайд мекунад, ки ҷавонон он насли одамоне маҳсуб мешаванд, ки давраи иҷтимоишавии муқараршударо аз сар гузаронида, дар сину соли нисбатан баркамол алакай вазифаҳои маълумотнокӣ, касбӣ, фарҳангӣ, хоҷагидори ва заруроти дигари иҷтимоиро аз худ намудаанд.

Дар боби дуюм «Мундариҷаи раванди ташаккули асосҳои иҷтимоӣ-педагогии арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ» ва зербоби 2.1 «Ташхиси дараҷаи ташаккулпазирии тамоюли арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ» таҳлили сатҳи ибтидоии ташаккули асосҳои иҷтимоӣ-педагогии арзишҳои оилавӣ бо як чаҳорчӯба дар ҳамбастагии масъалаи мавриди таҳқиқ ба масъалаҳои коркарди меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва дар асоси онҳо ҷудо намудани дараҷаи ташаккулпазирии тамоюлҳои арзишҳои оила дар ҷавонони донишҷӯ бахшида шудааст. Дар ин замина модели (амсилаи) ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оила дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯро диссертант пешниҳод менамояд, ки он ба таҳлили назариявии дар боби якум гузаронидашуда такя менамояд.

Дар худи маънои умумӣ оид ба аҳамияти оила дар шуури ҷамъиятӣ ба он ҳам баҳо додан мумкин аст, ки дар байни дигар муҳимтарин арзишҳо барои инсоният, аз қабили кор, дӯстон, вақти

холӣ, сиёсат, дин ва ғайраҳо ба оила чӣ гуна макоме муносиб дониста мешавад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм «Шароитҳои педагогии ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавӣ дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ» муҳақиқ қайд мекунад, ки ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оила дар ниҳоди ҷавонони донишҷӯ ҳамчун таъсири байниҳамдигарии шахсият ва муҳити иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор додаем ва изҳори итиминон карда мешавад, ки идроки оила аз тарафи ҷавонон ба сифати арзиш, сатҳи кофии дониши онҳо дар бобати никоҳ ва оила, бошуурона бунёд намудани оилаи хештан комилан имконпазир хоҳад буд.

Диссертант дар раванди тадқиқот ақидаҳо ва хулосаҳои олимонӣ хориҷӣ ва ватаниро ба таври кофӣ истифода бурдааст. Дар кори диссертатсионии мазкур миқдори зарурии адабиёти илми вобаста ба мавзуи интихобгардида истифода гардидааст, ки аксари онҳо нашри солҳои охир мебошанд. Дар баробари ин муаллиф дар рафти таҳлилу баррасии мавзуи диссертатсионӣ санадҳои меъёри ҳуқуқии соҳаро вобаста ба мавзуъ ба таври кофи истифода бурдааст. Ҳамзамон ташхиси сатҳи истифодабарии адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки ҳамаи он сарчашмаҳои илмии дар рӯйхати адабиёт овардашуда, дар матн ҳамчун иқтибос нишон дода шудаанд, ки ин эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқоти диссертантро баланд мегардонад. Дар маҷмуъ қайд кардан зарур аст, ки саҳми диссертант дар коркарду корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқотҳои педагогӣ, сотсиологӣ, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо оид ба мавзуи диссертатсия зоҳир мегардад.

**Эродҳо нисбат ба тадқиқоти диссертатсионӣ**

Дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасад, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Неъматов Рамазон

Ҳусниддинович дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳоиояндаи ӯ пешниҳод менамоям.

1. Ҳарчанд, ки мавзуи диссертатсия доир ба ташаккули тамоюлҳои арзишҳои оилавии ҷавонони тоҷик дар шароитҳои нави педагогӣ-иҷтимоӣ (дар мисоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ) бахшида шудааст, аммо муаллиф бештар ба асарҳои донишмандони рус таваҷҷуҳ намудааст.

2. Тадқиқотҳое, ки муаллиф тариқи пурсишнома вобаста ба мавзуи тадқиқшаванда гузаронидааст, танҳо ду донишгоҳро фаро мегирад. Барои ба даст овардани маълумоти дақиқ бояд дигар минтақаҳои кишвар ҷалб карда мешуданд, ки ин ба манфиати кор буд.

3. Дар матни кори диссертатсионӣ баъзе хатогиҳои имлоиву техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи худро мехоҳанд.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунад. Ин кадамҳои нахустин барои омӯзиши ташаккули тамоюлҳои арзишманди оилавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароитҳои нави иҷтимоӣ – педагогӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Хулоса, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки унвонҷӯ Неъматов Рамазон Ҳусниддинович дорои дониши хуби назариявӣ оид ба татбиқи омӯзиши ташаккули тамоюлҳои арзишманди оилавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароитҳои нави иҷтимоӣ – педагогӣ буда, дар ин самт пешниҳод, тавсия, ва хулосаҳои дар диссертатсия ироагардида қобили қабул ва илман асоснок буда, назария ва амалияи илми педагогикаро ғанӣ мегардонанд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва муаллифи он

Неъматов Рамазон Ҳуснидинович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқаррizi расмӣ,**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи сотсиология ва психологияи
идоракунии Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷ. Х.

СУРОҒА: шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
ТАМОС: тел. +992 918 50 63 24. Почтаи электронӣ: info@apa.tj.
Сомона: www.apa.tj

Имзои Ҷ.Х.Файзализодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаромӯз Ғаюров